**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 1-уми октябри соли 2024, №65**

Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 7-уми январи соли 2022, №15/шд) аз санаи 2-юми июли соли 2024 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Муминзода Маҳмадшариф Нозим 20 январи соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2016 ба зинаи бакалаврияти шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2020 аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос ва соли 2022 зинаимагистратураи факултети мазкурро бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2021 то ҳол дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳайси ассистент, ҳамзамон, аз соли 2023 дар вазифаи мутахассиси маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷумаи донишгоҳ кор ва фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова М.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Абдулхонов Ф.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Бозорова С.С – мутахассис-коргузори кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имзо аз ҷониби Сафарзода Д.Ҷ. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 3 сентябри соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона омода гардида, вобаста ба сохтор ва муҳтавои худ дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби навишт ва сатҳу сифати навгониҳои илмие, ки тибқи диссертатсия пешниҳод гардидаанд, андешаю мавқеи илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иртибот ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Интишороти муаллиф мазмуну муҳтаво, андеша ва мавқеи илмӣ, нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

1. Муминзода, М.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура [Матн] / М. Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1(25). – С. 293-302. ISSN 2414-9217.
2. Муминзода, М.Н. Моделҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №4 (44). – С. 73-79. ISSN: 2305-0535.
3. Муминзода, М.Н. Масъалаҳои ҳуқуқии муайян намудани мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (29). – С. 81-92. ISSN 2414-9217.
4. Муминзода, М.Н. Принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – С. 89-95. ISSN: 2305-0535.
5. Муминзода, М.Н. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои рушди ҳисси ватандӯстӣ дар асоси қабули стратегия [Матн] / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №4-1. – С. 251-256. ISSN 2413-5151.
6. Муминзода, М.Н. Теоретико-правовое основание случайного выбора призываемых на военную службу [Текст] / М.Н. Муминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – №6-2. – С. 203-210. ISSN 2413-5151.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

7. Муминов, М.Н. Джихад [Текст] / М.Н. Муминов // Развитие предпринимательского, коммерческого и туристического законодательства в период Государственной независимости Республики Таджикистан: материалы научно-практической конференции (18 мая 2018) // Под редакцией кандидатов юридических наук, доцентов Рахмона Д.С. и Сангинова Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 292–297.
8. Муминзода, М.Н. Ҷиҳод: мафҳум ва инкишофи таърихии он [Матн] // Муҳаққиқи ҷавон. – №1. – 2021. – С. 118-123.
9. Муминзода, М.Н. Омилҳо ва асосҳои ҳуқуқии қабули стратегияи ватандӯстӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли

2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 164-175.

10. Муминзода, М.Н. Роль вооруженных сил в борьбе с терроризмом: теоретико-правовой аспект [Текст] / Муминзода М.Н. // «Право и экономика: актуальные вопросы коммерческого права и информационной безопасности»: материалы международной научно-практической конференции (25-26 апреля 2023 г.) / Под редакции доктора технических наук Х.Х. Назарзода, доктора экономических наук Ф.Р. Шаропова, доктора юридических наук Н.А. Кудратова. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С. 176-178.

11. Муминзода, М.Н. Правовая ответственность в сфере воинской обязанности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Муминзода М.Н. // «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (28-29 апреля 2023 года): материалы международной научно-практической конференции Часть II. Гуманитарные науки (право, экономика) // Под общей редакцией: к.э.н., доцента Ганиева Р.Г. – Душанбе, 2023. – С. 152-156.

12. Муминзода, М.Н. Правовые источники обязанности человека в правовой системе зороастризма [Текст] // Юридическая ответственность: современные проблемы теории и практики: XXIII Междунар. науч. конф. Москва, 12 апреля 2023 г.: Сб. научных статей / Под ред. Н.И. Архиповой, С.В. Тимофеева, И.А. Беляевой. – М.: РГГУ, 2023. – С. 30-40.

13. Муминзода, М.Н. Шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ дар кишварҳои ҷаҳон: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 19-25.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Камолзода Илҳом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Алиев Фаррух** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

– **Зокирзода Зафар** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт;

– **Шарифзода Т.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи

ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо автореферати диссертатсияи мазкурро мусбӣ муаррифӣ намуда, хусусиятҳои навгонӣ ва хулосабарории илмии муаллифро ҷонибдорӣ намудаанд. Дар тақризҳо баъзе аз эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавӣ, махсусан дар самти ватандӯстӣ, таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ пешниҳод шудааст.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, раванди фаъолияти илмию амалии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ иброз медорад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар раванд ва натиҷаи иҷрои таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин ҳал гардиданд:**

**- коркард карда шуд: маҷмуи** масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар иртибот ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи миллӣ ва хориҷии уҳдадории ҳарбӣ, инчунин таҳияи пешниҳодоти консептуалӣ барои ҳалли мушкилоти ошкоршуда;

**- пешниҳод шудааст:** бо дарназардошти ошкор гардидани мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба мафҳум, табиати ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ, таърихи пайдоиши уҳдадории ҳарбӣ, усулҳои интихоби даъватшавандагон, раванди амалишавии уҳдадории ҳарбӣ, вазъи ҳуқуқии даъватшавандагон, ҷавобгарӣ барои иҷро нагардидани уҳдадории ҳарбӣ ва ғайра ҷиҳати такмили қонунгузории соҳа ва бо мақсади боз ҳам беҳтару самаранок амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи уҳдадории ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ ва мудофиа таклифҳои судманд пешниҳод гардидааст;

**- исбот шудааст: дар натиҷаи таҳқиқоти илмии мазкур** заминаҳои таърихию назариявии уҳдадории ҳарбӣ, омилҳои монеасозии рушди уҳдадории ҳарбӣ, табиати ҳуқуқӣ доштани уҳдадории ҳарбӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар уҳдадориҳои инсон ва ва аз ҳама муҳим самаранокӣ ва манфиатнокии чунин уҳдадории ҳарбӣ дар раванди амалишавии уҳдадории ҳарбӣ исбот шудааст;

**- ҷорӣ намудани:** меъёрҳои дар сатҳи қонунгузорӣ муқарраршудаи

адолатнокӣ ва баробарӣ дар асоси интихоби тасодуфӣ, ворид намудани принсипи ногузирии ухдадории ҳарбӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ухдадории ҳарбӣ”, ҷорӣ намудани таҷрибаи бойи хориҷӣ, танзими муносибатҳои вобаста ба хизмати ҳарбӣ бавуҷудомада бо меъёрҳои маъмурӣ, на ҷиноятӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки имкон медиҳад таҳаввулоти равишҳо ба ташкили мудофиаи давлат, муайян кардани камбудиҳо ва зиддиятҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ дар шароити муосири таҳдидҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм аввалин бор омӯхта шудааст. Ин тадқиқот ба таҳияи равишҳои нави назариявӣ оид ба танзими ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ, таъмини тавозуни байни ҳимояи давлат ва риояи ҳуқуқҳои хизматчиени ҳарбӣ мусоидат мекунад, ки барои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ муҳим аст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои умумиилмии таҳлил ва синтез, инчунин усулҳои таҳлили мантиқӣ, системавӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ва таърихӣ истифода шудаанд, ки то ҳадди имкон барои ноил шудан ба ҳадафҳои таҳқиқот мусоидат кардааст:

- **баён шудани** таклифи мушаххас ҷиҳати такмил додани қонунгузории кишвар дар асоси таҷрибаи бойи давлатҳои пешқадам, таҳияи барномаҳои мукаммали давлатӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, пешниҳодҳо вобаста ба амалишавии ухдадории ҳарбӣ;

- **ошкор гардидани** хусусиятҳои хоси ухдадории ҳарбӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, номукаммалии асосҳои ҳуқуқии танзими муносибат, ба таври маҳдуд пешбинӣ кардани уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи қонунгузории амалкунанда, номукаммалии кафолатҳои ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ ва ғайра;

- **омӯхта шуданд:** заминаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум, хусусият ва табиати ҳуқуқии ухдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва масъулияти субъектҳои ухдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ;

- **аз нав такмил додани** заминаи қонунгузорӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мушкилоти муосир ва шароити амнияти ҷаҳонӣ мутобиқ карда шаванд. Ин на танҳо такмил додани механизмҳои даъват ва адои хизмат, балки таъмини ҳифзи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ, кафолатҳои иҷтимоии онҳо, инчунин риояи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад. Илова бар ин, навсозии қонунгузорӣ ба таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои мудофиаи давлат, баланд бардоштани сатҳи омодагии хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳамкории самараноктар бо ҷомеаи

шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиа ва хизмати ҳарбӣ истифода шаванд, инчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба сифати амаликунандаи сиёсати ҳарбӣ баромад менамоянд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

- **муайян карда шуданд**, ки уҳдадории ҳарбӣ қисми ҷудонопазири низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат, инчунин нигоҳ доштани соҳибихтиёрии он равона шудааст. Он иҷрои ӯҳдадориҳои шаҳрвандонро оид ба ҳимояи кишвар дар назар дорад, ки ин ҳам дар гузаштани хизмати ҳарбӣ ва ҳам дар иҷрои шаклҳои алтернативии хизмат дар сурати мавҷуд будани асосҳои дахлдор ифода меёбад. Уҳдадории ҳарбӣ инчунин бо меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ танзим карда мешавад, ки тавозуни байни талаботи мудофиа ва ҳимояи ҳуқуқи инсонро таъмин мекунанд ва онро унсури калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти миллӣ мегардонанд.

- **офарида шуд:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мавқеи асоснокро дар мавриди табиати ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ офарида, баҳри ба таври комил беҳтар намудани татбиқи фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 тавсияҳои мушаххасро пешниҳод намудааст, ки амалигардонии онҳо барои баланд бардоштани самаранокии уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ мусоидат менамояд;

- **муаррифӣ карда шуд:** тавассути таҳқиқоти мазкур мавқеи мустаҳкам пешниҳод карда шуд: бо шарофати ин тадқиқотҳо мавқеи устувори давлат дар масъалаҳои ӯҳдадории ҳарбӣ тавассути таҳлили амиқи асосҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва даъватҳои муосир дар соҳаи мудофиа хеле мустаҳкам карда шуд. Ин тадқиқотҳо ба ташаккули механизмҳои возеҳи ҳуқуқӣ барои танзими хизмати ҳарбӣ мусоидат намуда, имкон медиҳанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хизматчиёни ҳарбӣ дақиқтар муайян карда шаванд ва қонунгузорӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ такмил дода шавад. Дар натиҷа, мавқеи давлат устувортар ва асоснoктар мегардад, ки қобилияти онро барои вокуниши самаранок ба таҳдидҳои беруна ва дохилӣ баланд мебардорад.

**Арзёбии дурустии натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда натиҷаи таҳқиқоти пурраи илмӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, манбаъҳои таърихӣ ва корҳои илмии муосир асос ёфтаанд. Истифодаи усули

комплексӣ, ки ҳам усулҳои назариявӣ ва ҳам эмпирикиро дар бар мегирад, имкон дод, ки ба дараҷаи баланди объективӣ ва асоснокии хулосаҳо ноил гардад. Ин навгониҳои илмии тадқиқот ва саҳми онро дар рушди илми ҳуқуқӣ, инчунин татбиқи амалии тавсияҳои пешниҳодшуда барои такмили танзими ҳуқуқии ӯҳдадории ҳарбӣ тасдиқ мекунад.

- **барои корҳои таҷрибавӣ:** дар доираи мақолаҳои илмӣ ва худи диссертатсия аз ҷониби муаллиф таҷрибаи миллӣ ва байналмилалии уҳдадории ҳарбӣ таҳлил гардида, масъалаҳои ҳалталаб ошкор ва баҳри бартараф гардиданашон таклифҳо манзур шудаанд. Махсусан, ошкор гардидааст, ки новобаста аз кӯшишҳои рӯзмараи Ҳукумати кишвар дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ дар байни шаҳрвандон саркашӣ ҷой дорад. Бо дарназардошти чунин натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, зарурати ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтани чунин таҷрибаи пешқадам ба манфиати кор мебошад:

- **ғоя асоснок шудааст:** дар натиҷаи таҳқиқот баҳри такмил додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” таклифҳои асоснок пешниҳод шудааст;

- **истифода шудаанд:** таклифҳои муаллиф вобаста ба қабули санади меъёри ҳуқуқӣ вобаста ба ватандӯстӣ дар мақолаи илмӣ пешниҳод шуда буд, соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” қабул гардид.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти масъалаҳои уҳдадории ҳарбӣ асоснок карда мешавад. Услуби навишт ва изҳори андеша, масъалагузории илмӣ ва таклифҳо барои такмили қонунгузории соҳавӣ низ аз саҳми шахсии муаллиф дарак дода, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифтани таклифҳои муаллиф, ки дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд, асоснокии мавқеи илмию амалии диссертантро инъикос менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 1-уми октябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Муминзода Маҳмадшариф Нозим дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №15/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи

баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**